Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058
назди ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ
(734003 ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ибодов Шуҳрат Маҳмадиевич, ки дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос аз рӯйи ихтисоси илмҳои география 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниҳод шудааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ибодов Ш. М. ба яке аз масъалаҳои мубрами илми география ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор бахшида шудааст, ки дар он паҳлуҳои назариявӣ, ҷобаҷогузории қуваҳои истеҳсолкунанда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос нуктаҳои илмии назариявӣ ва тавсияҳои амалиеро ба ҳимоя пешниҳод менамояд, ки баҳри мукаммал гардидани ҷобаҷогузории қуваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Натиҷаи кор, хулоса ва тавсияҳое, ки аз ҷониби рисоланавис манзур гардидаанд, бо дарназардошти таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ, географӣ, оморӣ, инчунин андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ сурат гирифтаанд, ки асоснокии онҳоро ифода менамоянд.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ кишвари мо ба марҳилаи сифатан нави инкишофи давлатдории миллӣ ворид шуда, мора зарур омад, ки барои пешрафти кишвар стратегияҳо хусусан барои пешрафти соҳаҳои саноат ва беҳтар тардонидани зиндагонии аҳолӣ қабул намоем. Аз ин лиҳоз, давра ба давра, зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо дар структураи хоҷагии халқ ба вуҷуд омад.

Дар замони истиқлолияти давлати омӯзиш ва ҷобаҷогузории

оқилонаи қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияҳои иқтисодӣ аҳамияти муҳим дорад. Ҳангоми омӯзиши қувваҳои истеҳсолкунанда, таҳқиқии сарватҳои табиӣ, аҳолӣ, дараҷаи рушди соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсия инчунин муайян намудани проблемаҳои дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ҷойдошта зарурияти дар ин самт бурдани таҳқиқотро ба миён мегузорад.

Автореферати Ибодов Шуҳрат Маҳмадиевич аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи диссертатсия асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

**Боби якуми диссертатсия – «Тавсифи иқтисодӣ - географии ноҳияи иқтисодии Ҳисор»** аз се зербоб иборат буда, дар доираи он вобаста ба масъалаҳои назариявӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва таърихи ташакулёбии соҳаҳои хоҷагии халқӣ ноҳияи иқтисодии Ҳисор мавриди тадқиқоти илмӣ ва амалӣ қарор гирифтааст.

Дар боби мазкур масъалаҳои зерин мавриди омӯзиш қарор дода шудааст ва чунин хулосабарори намудаанд. Тарақиёти иқтисодиёти ноҳия бо оқилона ҷойгир намудани қувваҳои истеҳсолкунанда ниёз дорад, зеро самаранокии иқтисодӣ ҳамон вақт ба даст оварда мешавад, ки барои истихроҷ, коркарди ашёҳои хоми саноатӣ, истеҳсол ва кашонидани маҳсулот, ҷалб намудани қувваи коргарӣ, сӯзишворӣ, барқ ва нақлиёт маблағ кам сарф шавад. Вобаста ба ин, яке аз масъалаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти ноҳия, ин коркарди комплексии сарватҳои табиӣ мебошад.

Мавҷудияти захираҳои бузурги сарватҳои табиӣ, энергетикӣ дар заминаи бунёди насли якуми истеҳсолоти саноатӣ, саноати энергетикӣ – металургияи ранга ва кимиёвӣ дар байни ноҳияҳои дигари иқтисодии Тоҷикистон дар мавқеи аввал хоҳад буд.

Дар баробарӣ пешравиҳои ноҳияи иқтисодии Ҳисор вазъи экологиро низ, бояд ба назар гирифт, то ки ҳолати экологии минтақа набояд аз ҳад ифлос гардад. Дар ҳолати бунёд намудани корхонаҳои гуногуни саноатӣ, истифодаи нақлиёт ва сарватҳои табиӣ зиёд гардида ҳолати экологии минтақа дигаргун мегардад. Барои ҳамин бояд кӯшиш намоем, ки корхонаҳою фабрикаҳои замонавии кампартов ва иншоотҳои саноатии коркарди партов сохта ба истифода дода шаванд.

**Боби дуюми диссертатсия – «Хусусиятҳои иқтисодӣ - географӣ, рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи ноҳияи иқтисодии Ҳисор»** аз се зербоб иборат аст. Дар боби мазкур масоили рушд ва ҷобаҷогузории соҳаҳои саноат, ҷалби қувваҳаи истеҳсолкунанда ба соҳаҳои саноат, ҷобаҷогузории соҳаҳои кишоварзӣ аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ ва проблемаҳои самаранок истифодабарии онҳо дар ноҳия мавриди таҳлил қарор шудааст.

**Боби сеюми диссертатсия – «Дурнамои рушд, ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор»** аз чор зербоб иборат аст. Дар боби мазкур масоили оқилона истифода бурдани сарватҳои табиӣ ва таъсири он дар дурнамои соҳаҳои саноат, дурнамои соҳаҳои кишоварзӣ, проблемаҳои иқтисодӣ – географии рушди соҳаҳои нақлиёт ва дурнамои рушди сайёҳӣ ва рекреатсия мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Масъалаҳои баҳснок дар таҳқиқот.**

Автореферати Ибодов Ш.М. дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳоеро дар худ ҷой додааст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Унвончӯ дар саҳифаи 18 оид ба истифодаи захираҳои меҳнати ва бунёди иншоатҳои саноатии меҳнатталабро қайд намудаан, хуб мешуд, ки бунёди корҳонаҳои саноатии меҳнатталабро шарҳ медоданд.

2. Ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории соҳаҳои кишоварзӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор масъалаҳои кам гардидани заминҳои кишт дар давоми солҳои 2015-2020 хусусан кам гардидани кишти заминҳои пахта, полезиҳо, хуроки чорво мебошад, собаби камшавии кишти ин маҳсулотҳоро шарҳ медоданд.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ накши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои географӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди илми географияи саҳми сазовори худро гузоранд.

Мутобиқати барасмиятдарории автореферат ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Автореферат Ибодов Ш.М. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Автореферат аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ

менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, автореферати Ибодов Шуҳрат Маҳмадиевич ба талаботҳо оид ба корҳои автореферат дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва рекреатсионӣ (илмҳои география) мебошад.

Тақриздиҳанда:

дотсенти кафедраи географияи
иқтисодӣ ва сайёҳии факултети
молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ Ёров Ҷ. Н.

**Имзои Ёров Ҷ -ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.**
**«25» 04 2023 с.**